## Тақриз

Ба фишурдаи автореферати Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар синни томактабӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар тарбияи мукаммали кӯдакон ба шумор меравад. Фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ барои рушди эҳсосот, тахайюл, ҳавасмандӣ ва малакаҳои эҷодии кӯдак мусоидат менамояд. Мақсади тадқиқот таҳлили роҳҳо ва усулҳои рушди қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ -бозикунӣ мебошад.

Фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ (бо садоҳо, ритм, суруд ва ҳаракат) ба рушди ҳисси ритмикӣ, эҷодкорӣ ва ҳамоҳангии ҳаракатҳо дар синни таҳсилоти томактабӣ рост меояд. Ин тадқиқот ба таҳлили инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калон тавассути чунин фаъолиятҳо равона шудааст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот ин инкишоф додани қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои тадқиқот аз тарафи муҳаққиқ чунин арзёбӣ гардидааст:**

-омӯхтани назария ва методикаҳои рушди қобилияти мусиқӣ-эҷодӣ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ:

-муайян кардани шаклҳо ва усулҳои самараноки мусиқӣ-бозикунӣ барои рушди эҷодкорӣ кӯдакон;

-таҳлили натиҷаҳои амалӣ ва арзёбӣ кардани таъсири онҳо ба қобилияти эҷодии кӯдакон.

Фаъолиятҳои мусиқӣ -бозикунӣ воситаи самараноки рушди қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакон дар синни калони томактабиро таҳлил намудааст. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки истифодаи методикаҳои мувофиқ ба синну хусусиятҳои психофизиологии кӯдакон ба рушди ҳамзамони малакаҳои мусиқӣ ва эҷодӣ мусоидат хоҳад кард.

Рушди қобилияти мусиқӣ -эҷодӣ яке аз масъалаҳои инкишоф додани зебоипарастӣ дар кӯдакон ба шумор меравад, зеро он ба ташаккули қобилияти фикр, эҷод, ҳисси эстетикӣ ва иродаи кӯдакон мусоидат мекунад. Фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ дар синни томактабӣ воситаи муассир барои рушди эҷодкорӣ ва қобилияти мусиқӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз ман

-дар автореферат эрод надорам.

Диссертасия ба меъёрҳо мувофиқ буда, ба Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-ро ба муаллифи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ -эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ- бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

**Хайруллозода Бахрулло Хайрулло**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ,
факултети мусиқӣ-омӯзгорӣ-и
МДТ "Донишкадаи фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода" ________________

Имзои Хайруллозода Бахрулло Хайрулло -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
МДТ "Донишкадаи фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода"
**Нуриддинзода Ф.Н.** ________________

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Таҷикистон, шаҳри Душанбе, Борбад 73А, телефон:(231-18-27), почтаи электорони: tajarins@yandex.com

«_16_»__03___2026с